«Тасдиқ менамоям»
Ректори Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» профессор
Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло
_______________________
«____»____________соли 2021

# ХУЛОСАИ

## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Диссертатсияи унвонҷӯ Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика)» дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расонида шудааст.

Диссертатсия дар давоми 4 сол аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба иҷро расонида шудааст.

Маҳмудов М.И. соли 2004 ихтисоси математикаи амалӣ, факултети математикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро бо муваффақият хатм намудааст.

Ба унвонҷӯ Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълими факултети санъати тасвирӣ ва технология Исломов Озод Азимович ба сифати роҳбари илмӣ таъин гардидааст.

Роҷеъ ба муҳокимаи пешакӣ чунин хулосабарорӣ карда шуд:аҳамияти мавзӯи диссертатсия дар шароити замони муосир бо муҳимияти ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика) муайян гардидааст.

Диссертатсияи номбурда дар сатҳи хуби илмиву назариявӣ ва амалӣ омода гардида, барои ҳалли масъалаи гузошташуда бо далелҳо асоснок карда шудааст. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки қобилияти салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир мафҳуми салоҳиятнокии касбии омӯзгор шарҳу тавзеҳ ёфта, хусусиятҳои сохтории он муайян карда шудааст, инчунин моҳияту махсусиятҳои раванди ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор ва принсипҳои асосии ташкили он, низоми ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни математика бо истифода аз технологияи муосир асоснок карда шудааст.

Маҷмӯи коркардшудаи салоҳиятнокии педагогии донишҷӯ маҷмӯи донишҳои инфиродии донишҷӯ аст, ки дар натиҷаи дараҷаи баланди ангеза ҳосил шуда, дар раванди ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии онҳо зимни истифода аз технологияҳои муосир ташаккул дода шудааст. Умуман, салоҳиятнокии касбӣ таркибан аз се унсури бо ҳам алоқаманд: когнитивӣ, ангезадиҳанда ва коммуникатсионӣ иборат мебошад.

Раванди инкишофи салоҳиятнокии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими донишгоҳӣ зимни ҳамкории маънавии омӯзгор ва донишҷӯён ба роҳ монда мешавад, ки он ба инкишофи потенсиали касбӣ ва инфиродии ҳар як донишҷӯ нигаронида шуда, ҳамзамон барои ташаккули ҷаҳонбинии фардии онҳо заминаи мусоидат фароҳам меорад. Ташаккули салоҳиятнокии касбӣ имкон медиҳад, ки ҳар як донишҷӯ мустақилона бо истифода аз технологияи муосир донишҳои заруриро ба даст оварда, андешаҳои худро оид ба ин ё он масъала мустақилона баён карда тавонад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи номбурда ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат менамояд. Аз тарафи диссертант Маҳмудов И.М. мустақилона дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили асарҳои педагогиву методӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додану ҷамъбаст намудани таҷрибаҳои педагогии муассисаҳои олӣ омода карда шудааст.

Ҳадафи таҳқиқот ин ҳал кардани зиддияте, ки дар зарурати муайян кардани асосҳои назариявӣ ва роҳҳои амалӣ, коркарди воситаву усулҳои самараноки инкишофи салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар мактабҳои олӣ зимни таълими фанни математика бо истифода аз воситаҳои таълим ва муайян намудани самаранокии он ифода меёбад. Объекти таҳқиқот: ташаккули муносибати салоҳиятнокӣ дар омӯзгорони ояндаи математика дар синфҳои ибтидоӣ ба донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки дар рисола бори аввал муаммои ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълими математика таҳқиқ гардида, дар баробари ин мафҳуми салоҳиятнокии касбии омӯзгор шарҳу тавзеҳ ёфта, хусусиятҳои сохтории он муайян карда шудааст; моҳият ва махсусиятҳои раванди ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгор ва принсипҳои асосии ташкили он муайян карда шудааст; низоми ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни математика бо истифода аз технологияи муосир асоснок карда шудааст.

Арзиши назариявии таҳқиқот дар он мебошад, ки асосҳои назариявии мафҳуми салоҳиятнокии педагогии омӯзгор ҳамчун кулли донишҳои инфиродӣ таъин гардиданд, ки барои инкишофи минбаъдаи қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии омӯзгорон, афзудани талаботи онҳо ба дарки моҳияти рӯйдодҳо мусоидат менамояд; омилҳои ба ташаккули салоҳиятнокии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мусоидаткунанда дар

шароити таълими донишгоҳӣ муайян карда шуданд; маҷмӯи омилҳои педагогии инкишофи салоҳиятнокии таҳқиқотӣ дар рафти таълими фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ бо истифода аз технологияи муосир ошкор шуданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки шартҳои педагогии инкишофи салоҳиятнокии омӯзгории донишҷӯён дар рафти таълими фанни математика, ки ба татбиқи минбаъдаи потенсиали касбии онҳо нигаронида шудааст, коркард ва тариқи кори таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шуданд; усулҳои ташкили фаъолияти мустақилонаву илмии донишҷӯёни факултетҳои педагогӣ зимни омӯзиши фанни математика шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки ба инкишофи потенсиали илмӣ ва шахсии донишҷӯён мусоидат мекунанд; меъёрҳои бо ҳам алоқаманди салоҳиятнокии касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир дар раванди таълими математика муайян гардида, ҳамчунин маҷмӯи роҳу усулҳои муайян намудани сатҳи салоҳиятнокии омӯзгории донишҷӯён дар раванди озмоиши педагогӣ амалан татбиқ гардиданд, асоснок шуданд.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАҲҚИҚИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААНД:

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия чоп шудаанд:


[1-М]. Маҳмудов И.М. Имкониятҳои дидактикии васоити техники дар раванди таълим [Матн] / И.М. Маҳмудов М // Номаи Донишгоҳ №4 2018- саҳ. 152-156

[2-М]. Маҳмудов И.М. Баъзе масъалаҳои шаклгирии тафаккури хонандагон дар раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ [Матн] / И.М. Маҳмудов М // Номаи Донишгоҳ №2 2019- саҳ. 166-171

[3-М]. Маҳмудов И.М. Истифодаи технологияхои муосир дар дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ [Матн] / И.М. Маҳмудов М // Номаи Донишгох №4 2019- саҳ. 192-198

[4-М]. Маҳмудов И.М. Ташаккули фанни математика тавассути барномаи мобилии «Математикаи шавқовар»дар синфҳои ибтидоӣ / [Матн] / И.М. Маҳмудов М // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №4 2019- саҳ. 192-198

[5-М]. Маҳмудов И.М. Воситаҳои техникии таълимии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ/ [Матн] / И.М. Маҳмудов М // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №4 2019- С. 192-198

**ll. Мақолаҳои илмӣ:**

[6-М]. Маҳмудов И.М. Аҳамият ва зарурати истифодаи васоити техникӣ дар раванди таълим[Матн] / И.М. Маҳмудов М // Конференсияи ҷумҳуриявӣ тахти унвони "Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир" бахшида ба "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ". Хуҷанд.: 27-28 ноябри соли 2018

[7-М]. Маҳмудов И.М. Понятие интерактивного обучения и его задачи[Текст] / И.М. Маҳмудов М // Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Нақши фанҳои табиӣ-риёзӣ дар рушди соҳаи саноати тоҷик» - (Донишкадаи кӯҳи металлургии Тоҷикистон) – Бӯстон, соли 2020, саҳифаи 173-176.

[8-М]. Маҳмудов И.М. Нақши омӯзгор ва технологияи информатсионӣ дар ташаккули салоҳиятнокии раванди таълими хонандагони синфҳои ибтидоӣ [Матн] / И.М. Маҳмудов М // «Роҳнамои омӯзгор» (маҷаллаи таълимӣ-методӣ) №2 соли 2020. Сахифаи 71-75.

[9-М]. Маҳмудов И.М. Раванди педагогии ташаккулёбии салоҳияти математикии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ [Матн] / Маҳмудов

И.М. // Конференсияи ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Душанбе.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

[10-М].Маҳмудов И.М. Основные критерии профессиональной компетентности учителя начальных классов [Матн] / И.М. Маҳмудов М // Теория и практика современной науки, №12 (66), Саратов: *Институт управления и социально-экономического развития,* 2020.-С.336-240

[11-М]. Маҳмудов И.М. Сущность компетенции и основные структуры профессиональной компетентности учителя начальных классов [Матн] / И.М. Маҳмудов М // Актуальные вопросы современной науки: материалы II международной научно-практической конференции (20 января 2021 г.).- Казань: Академия Бизнеса, 2021.- 143 с.-С.27-29

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика)» аз нигоҳи мазмун ва мӯҳтаво муҳим арзёбӣ гардида, ҷавобгӯй ба меъёр ва талаботи Низомномаи тартиб додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссертатсияи Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика)» барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедра Элмуродова С. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул карда шудааст, ки дар ҷаласа 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо “тарафдор” 12 нафар, “муқобил” 0 нафар, суратҷаласаи №_6_ аз 29.01 соли 2021

Мудири кафедраи педагогикаи
иҷтимоӣ ва касбии МДТ
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б. Ғафуров”,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Элмуродова Садбарг Худойназаровна

Котиби ҷаласаи кафедраи
педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Ғафорова Сурайё Пӯлотҷоновна

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, г.Мавлонбеков-1
Тел: +992 (92-715-00-56)

Имзои Элмуродова С.Х. -ро тасдиқ менамоям:
Сардори РК ва КМ-и МДТ «Донишгоҳи
давлатии Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Ашрапова З.Н.

**Маълумот барои тамос:** Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков-1